Тақриз
ба дастури таълимӣ барои маҳфили математика “Эталон”
муаллиф С. Давлатов

Дастури таълимӣ барои маҳфили математика “Эталон”, ки аз тарафи муаллиф С. Давлатов дар ҳаҷми 56 саҳифа таҳия гардидааст, мавриди таҳлил қарор дода шуда, натиҷаи он дар шакли тақриз пешниҳод карда мешавад.

Дастури таълимӣ барои маҳфили математика “Эталон”, муаллиф С. Давлатов барои ташкил ва дуруст ба роҳ мондани маҳфили математика дар самти бузургиҳои математикӣ ва ченакҳои он нигаронида шуда, барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагӣ пешниҳод шудааст.

Дастури таълимӣ барои маҳфили математика “Эталон” иборат аз фаслҳои муқаддима, Барномаи таълимӣ, мафҳуми бузургиҳо, таърихи инкишофи ченакҳо, ченакҳо дар замони тоҷикони қадим, фосилаҳои вақт, ченакҳои арзиш, хосиятҳои масоҳат, маводдҳои иловагӣ, ҷавобҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, тариқи назариявӣ ва амалӣ (ҳалли мисолу масъалаҳои тестӣ) таҳия гардидааст.

Дастури таълимӣ барои маҳфили математика “Эталон”, муаллиф С. Давлатов барои ташкил ва дуруст ба роҳ мондани маҳфили математика дар самти бузургиҳои математикӣ ва ченакҳои он барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагӣ дастури саривақтӣ ва зарурӣ буда, ба роҳбарони маҳфили математика кумак расонида метавонад.

Ҳамзамон, пешниҳод карда мешавад, ки барои системанок, пайдарпай ва бемушкилот истифода намудани дастури мазкур аз тарафи роҳбарони маҳфил ва аъзоёни он хуб мешавад, баъд аз пешниҳоди маводди назариявии ҳар як мавзуъ супоришҳо, мисолу масъалаҳои тестӣ ҷобаҷо карда шавад.

Баъдан, супоришҳои тестӣ танҳо дар шакли кушода таҳия гардидаанд. Пешниҳод карда мешавад, ки супоришҳои тестии шакли мувофиқат ва пушида низ ба дастур ворид карда шавад.

Илова ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар дастури мазкур расму айёният ва ҷадвали ченакҳо низ ворид карда шавад.

Чоп ва мавриди амал қарор додани дастури таълимӣ барои маҳфили математика “Эталон”, муаллиф С. Давлатовро баъд аз ислоҳи камбудӣ ва эродҳои пешниҳодшуда дастгирӣ мекунем.